Ш. Шарипов

# СУРУД ВА МУСИҚӢ

Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба чоп тавсия кардааст

**5**

Китоби дарсӣ
барои хонандагони синфи
мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ

«Матбуот»
Душанбе
2008

ББК 74.266.7+85,3182+85,314.
Ш - 30

Муҳаррири мусиқӣ - профессор **Ҷ.Обидпур**

Муҳаррирон - дотсент **А.С.Аминов, С.Сафаров**

Муқарризон - дотсентон **С.М.Халилов, Д.Қучқоров** ва мудири шӯъбаи маорифи ш.Сарбанд **Х.Т.Султонов**

***Ин китоб дар доираи Лоиҳаи таҷдиди соҳаи маориф нашр гардидааст***

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |
| 6. | | | | | |
| 7. | | | | | |

ISBN 978-99947-34-09-2

© Ш.Шарипов
© «Матбуот»



## Парчам

Парчами давлатӣ моҳи ноябри соли 1992 дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ тасдиқ шудааст.



## Нишон

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1993 тасдиқ карда шудааст.



## Суруди миллӣ

**Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 сентябри 1994, таҳти №1074 тасдиқ карда шудааст**



Абуабдуллои Рӯдакӣ

# АЗ МУАЛЛИФ

Таълими мусиқӣ, яке аз муҳимтарин омилҳои ҳаматарафа бой гардонидани санъати мусиқӣ, сароянд агӣ ва ҷаҳонбинии наврасон мебошад. Бинобар ин бо дастгирии Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудааст, то ки тарбияи эстетикии насли наврас ҳаматарафа бой ва ганӣ гардонида шавад. Дар дили хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ҳисси ватанпарварӣ, ҳурмати хурду калон, дӯстӣ доштан бо табиат, гулҳо ва паррандагон, хониши хубу аъло ва бо интизоми намунавӣ таҳсил намудан барин хислатҳоро бедор намудан вазифаи ҳар як омӯзгор аст.

Дар ҷумҳуриамон муаллимони пуртаҷриба ва баландихтисоси соҳаи санъат хело ҳам зиёданд, ки баҳри баланд бардоштани раванди таълиму тарбия кӯшиши зиёд доранд. Дар тарбияи насли наврас саҳми омӯзгор хело калон ва муҳим аст. «Агар омӯзгор қонуни тараққиёти шуурнокии хонандагонро надонад, ё дониши худро дар амал татбиқ карда натавонад, он гоҳ инкишоф додани шуури хонандагон ва дигар фаъолияти педагогии ӯ бе муваффақият мегузарад»- гуфтааст Ярошевский М.Г. ва ё ба гуфти олимони рус: «Инсоне, ки санъатро дӯст намедорад, хулқу рафтори инсонӣ дар ӯ вуҷуд надорад». Бинобар ҳамин муаллими суруд ва мусиқӣ пеш аз ҳама ба психологияи хонандагон, баъд бо дастури таълимӣ ва барномаи он бояд шинос бошад.

Китоби мазкур маҷмӯи сурудҳоеро дар бар мегирад, ки ҳайати гурӯҳи коршиносони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санҷиш онҳоро маъқул донистанд. Сурудҳо гуногунмазмун ва хусусияти тарбиявӣ дошта, хонандагонро бо олами санъати мусиқиву овозхонӣ аз наздик шинос менамоянд. Имрӯзҳо дар ин ҷода корҳои зиёде ба сомон мерасанд. Сурудҳои нави шоирон ва композиторон, ки барои бачагон эҷод шудаанд, хазинаи санъати мусиқии тоҷикро ганӣ мегардонанд.

Омӯзгорони дарси суруд ва мусиқӣ вазифаи хеле муҳимро бар дӯши худ мегиранд, чунки суруду мусиқӣ таҳкурсии ахлоқу рафтори ҳамидаи хонандагони мактабро мегузоранд. Баъди санҷишҳои чандинсола олимони Руссия ба хулосае омадаанд, ки мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумие, ки муаллими суруд ва мусиқӣ доранд, аз ҷиҳати иштироки хонандагон ба дарс, интизом, кӯшишу ғайрат ва ахлоқ нисбатан хубанд.

Хуб мешуд, ки шӯъбаҳои маориф ва маъмурияти мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ барои дастгирӣ муаллимони суруд ва мусиқиро бо лавозимоти техникӣ, ба монанди қувватдиҳандаҳои садо, микрофон, магнитофон, дискетаҳо, асбобҳои мусиқии фортепианно, аккордион, таблак, рубоб ва синфхонаи махсус

ҷудо кардашуда қадри имкон таъмин намоянд.

Ин корҳо барои ҳавасмандсозии хонандагон нисбат ба дарс, пешравии ҳамаи чорабиниҳои мактабӣ шарт ва зарур аст.

Сурудҳое, ки дар ин китоб гирдоварӣ шудаанд, махсус барои наврасон ва хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ (синфҳои 5-ум) равона шудаанд. Дар ҳамбастагӣ бо ҳар як суруд, методҳои азхудкунии суруд, машқҳо, қаторовозаҳои он, ҷаҳишҳо ва кашиши ҷумлаҳо ва дигар нозукиҳое, ки дар суруди додашуда вомехӯранд, бо назардошти назарияи мусиқӣ шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

Ҳар як хонанда бояд аз нотаҳо, номгӯйи аломатҳои мусиқӣ, лаҳн, таваққуф, мадиди садо, соз, суръат, задаҳо ва ғайра бархурдор бошад. Он сурудҳое, ки дар барномаи таълимии синфҳои 5-ум ҷой дода шудаанд, дар китоб гирд оварда шудаанд. Инчунин бо мақсади шинос намудани хонандагон бо фаъолияти эҷодии композиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон хонандагони ҳар синф дар охири нимсолаҳои I ва II- юми таҳсил бо ҳаёт ва фаъолияти ду композитор шинос хоҳанд шуд.

Бо мақсади он ки хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ дар дарсҳои мусиқӣ бо назарияи мусиқӣ шинос шаванд, охири нимсолаҳои якум ва дуюм ду мавзӯъ барои ҳар синф пешкаш карда шудааст, ки ҷамъулҷамъ 12 мавзӯи назарияи мусиқиро ташкил мекунад. Дар дарси назарияи мусиқӣ хонандагон бо нотагоҳ, дарозии нотаҳо, зарбҳо, зада, номгӯйи нотаҳо, андозаҳо, аломатҳои мусиқӣ, тақтеъ, таваққуф, қувваи садо, суръат ва гайра аз наздик шинос машаванд.

Сурудҳое, ки дар китоб гирд оварда шудаанд, метавонанд дар ҷашну идҳои гуногун мавриди истифода қарор гиранд.

Дар саҳифаҳои аввали китоб «Қоидаҳои овозхонӣ» оварда шудааст, ки хонандагонро бо ҳамаи нозукиҳои санъати сарояндагӣ шинос менамоянд. Инчунин Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш карда шудааст, ки донистани он барои ҳар як хонандаи мактаб шарт ва зарур аст.

Муаллимони дарси суруд ва мусиқие, ки шароити сабт намудани сурудҳоро доранд, метавонанд суруд ва мусиқиҳои дар китоби дарсӣ гирд овардашударо бо асбобҳои мусиқӣ ва лавозимотҳои техникии ҳозиразамон рангубор (оранжировка) диҳанд. Мусиқиҳои дар китоб гирдовардашуда бо мақсади мураккаб насохтани азхудкунии мусиқӣ бо усули содда ва фаҳмо навишта шудаанд.

Ин нахусткитоби суруд ва мусиқӣ барои синфҳои болоӣ баъди 84 соли хониш мебошад, ки ба хонандагон пешкаш карда мешавад.

# Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шеъри Г. Келдӣ

Мусиқии С. Юдаков



Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод,
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем, кашидаем.
Зинда бош, Эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!
Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту, канори ту.
Зинда бош, Эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!
Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, ҳабиби мост,
Зинда бош, Эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 сентябри соли 1994, таҳти №1074 тасдиқ карда шудааст. Суруди миллӣ озодӣ, зебоӣ ва шукуфоии Ватани азизамонро тавсиф мекунад. Суруди миллӣ яке аз Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки донистани он ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, аз ҷумла барои хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ шарт ва зарур мебошад. Шоир дар шеъраш бахту саодат, озодиву зебогии диёр, шукӯҳи Парчами давлатӣ, ҷавониву ҷовидонии кишварро ҳамчун модари ғамхору меҳрубон тасвир намудааст. Оҳанги ин суруд дар сози ля минор навишта шудааст.

Барои ба овози мактаббачагон мувофиқ будан онро ба сози фа минор гузаронидем. Суруд дар ду-чоряк ва ҷаҳишҳои квартаи тоза сар мешавад. Аввали калимаи «арҷманд» дар ҳаҷми се-чоряк кашиши замонӣ дорад. Чунончи:

Ботантана



# Қоидаҳои сурудхонӣ

1. Шеъри муаллим додаро бо диққат навишта, бехато аз ёд кунед.
2. Ба ҳар як мисраи шеъри додашуда диққат диҳед.
3. Бештар ба талаффузи дурусти ҳар як мисраъ аҳамият диҳед.
4. Барои он ки сурудро дуруст хонӣ, бояд оҳангашро бодиққат гӯш кунӣ.
5. Ҳангоми сурудхонӣ рост ист, ё рост нишин.
6. Пеш аз сар кардани сурудхонӣ сабук нафас гир, лекин китфҳоятро набардор.
7. Ҳангоми сурудхонӣ ҳамсадоҳо ва садонокҳоро дуруст талаффуз бикун.
8. Аз доираи мақоми додашудаи суруд набаро.
9. Ҳангоми хондани «Сурудҳои ҳамсароӣ» (хор) ҳамдигарро гӯш карда, суханҳоро ҳама як хел талаффуз кунед.
10. Суханҳои суруд фаҳмо шунида шавад.
11. Бикӯш, ки овози ту озод ва форам садо диҳад.
12. Ба якҷоя сохтани овоз ва оҳанг дуруст диққат бидеҳ.
13. Фикру хаёлатро як ҷо ҷамъ сохта, фақат ба сухан ва оҳанг аҳамияти ҷиддӣ бидеҳ.



## ДИРИЖЁР

*Дирижёр роҳбари оркестр, дастаҳои ҳунарӣ ва ҳамсароён (хор) мебошад, ки пешбарандаи кори асосии навозандагон ва овозхонҳо аст. Ҳар як ишораи дирижёр маънои хосе дорад. Ҳар як навозандаи гурӯҳӣ ё ҳамсароён (хор) бо ёрии дирижёр тоза ва бо як овози ширину маънои том садо мебароранд.*



# Тоҷат ба сар бод, эй Тоҷикистон!

Шеъри Низом Қосим

Мусиқии С. Билолов






1

Мо ғунчаҳои боғи ту ҳастем,
Ту гулфишонӣ, мо гулпарастем.
Нақарот:
Бошӣ сарозод,
Эй Тоҷикистон!
Тоҷат ба сар бод,
Эй Тоҷикистон!

2

Ту осмонӣ, мо ахтаронат,
Ахтар фузун бод дар осмонат.

Накарот:

Бошӣ сарозод,
Эй Тоҷикистон!
Тоҷат ба сар бод,
Эй Тоҷикистон!

3

Ҷовид бошӣ, эй мулки ҷовид,
Ҳар рӯзи ту ҷашн, ҳар рӯзи ту ид!

Накарот:

Бошӣ сарозод,
Эй Тоҷикистон!
Тоҷат ба сар бод,
Эй Тоҷикистон!

Суруди «Тоҷат бар сар бод, эй Тоҷикистон» ба васфи Ватани азизамон бахшида шудааст, ки дар он наврасон ба Тоҷикистон муроҷиат карда мегӯянд: «Мо ғунчаҳои боғи ту ҳастем, ту гулфишонӣ, мо гулпарастем», «Ту осмонӣ, мо ахтаронат, ахтар фузун бод дар осмонат». Инчунин, дар суруд сухан аз равшан будани роҳи Ватани азизамон дар бунёдкориҳо ва гул-гулшукуфоии он дар байни мамолики дунё меравад. Ҳар рӯзи ин мулки азизамон ҷашн бошаду ид бошаду ҷовид. Дар хотимаи суруд омадааст:

«Тоҷат бар сар бод, эй Тоҷикистон!»

Мусиқии суруд дар сози ре мажор буда, дар андозаи маъмули тоҷикӣ шаш-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шудааст. Суръати мусиқӣ «шӯх» ишора ёфтааст. Оғозёбии суруд дар мусиқӣ аз терсияи хурд хонда мешавад ва давоми он то хотима ёфтани банди I ва накарот бо мавҷҳои секундаҳои хурду калон садо медиҳад.

Гаммаи ре мажор-ро бо нота сароед!






Дар охири мисраъҳои 1 ва 3-юми нақарот ҷумлаи «саро-(зод)» дар нотаҳои фа, сол, ля ва «бод»-дар нотаҳои сол, фа, ми пайваст суруда мешаванд.




Дар вақти талаффуз кардани ҳамсадоҳои калимаи охири ҳар як мисраъ:- «ҳастем», «гулпарастем», «сарозод», «Тоҷикистон», «бод», «ахтаронат», «осмонат», «рушан», «гулшан», «ҷовид», ва «ид» – ро тоза ва шунаво сароед. Баъд аз сароидани банди якум ва нақарот навозиш пешкаш карда шудааст, ки дар аввали саршавии он ҷаҳиши квартаи тоза ба амал меояд.




Мисраи аввали банди дуюми суруд ҳам пурра бо ҳамин оҳанг хонда мешавад, яъне ҷумлаи «осмон» ҳам ба квартаи тоза ҷаҳиш меёбад ва дар мисраи дуюми ин банд «Ахтар фузун бод дар осмонат» ҷаҳишҳои квартаи тоза терсияи хурд ва кашиши калимаҳои «бод»- «ос-мо-нат» ба амал меояд.




Дар охири мисраи якуми нақарот ҷумлаи «эй» ба секундаи калон кашиш меёбад ва калимаи «бод» ба боло терсияи калон пайваста суруда мешавад.



Бандҳои сеюм ва чоруми суруд бо нақаротҳояш аз аломати сэно, яъне аз аввал дар маротибаи дуюми навозиши мусиқӣ такрор мешавад.

Дар давоми аз худ кардани суруди додашуда ба ҳамаи нозукиҳои дар боло зикршуда диққат дода, машқҳо гузаронед, то ки дар вақти хондани суруд матн ва мусиқӣ бе хато сароида шаванд. Азбаски суруд дар сози ре мажор навишта шудааст ва аслӣ мебошад, қаторовоза ва сеовозаи гаммаи ре мажор-ро бо талаффузи номгӯйи нотаҳо машқ кардан бамаврид аст.

Сурудро дар ҷашнҳои бахшида ба Ватан, Тоҷикистон, мулк ва диёр истифода бурдан мумкин аст. Дар ҷашнҳои «Рӯзи Истиқлолият», «Рӯзи Конститутсия» ва «Рӯзи сулҳ, ваҳдат ва ягонагӣ» низ истифода бурдан мумкин аст.

Суруд барои наврасон, хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ равона ва мувофиқ карда шудааст.



# Ба муаллим

Шеъри Н. Тиллоев

Оҳанги халқ
Такмили Ш. Шарипов






Нақарот:

Ташаккур бар ту бодо устодам,
Ман аз ғамхориат бисёр шодам. } 2-бор

I

Туро як умр хоҳам кард таъзим,
Ки бар ман додаӣ аз сидқ таълим. } 2-бор
Ба номи ту бувад ин меҳрнома,
Кунад умри ту чун дарё идома. } 2-бор
Нақарот:

Ташаккур бар ту бодо устодам,
Ман аз ғамхориат бисёр шодам. } 2-бор

II

Зи ту омӯхтам дарси шуҷоат,
Зи ту омӯхтам азму фароғат.
Зи ту омӯхтам ман росткорӣ, } 2-бор
Зи ту омӯхтам ман устуворӣ.
Нақарот: } 2-бор

Ташаккур бар ту бодо устодам,
Ман аз ғамхориат бисёр шодам. } 2-бор

Суруди **«Ба муаллим»** ба муносибати «Иди муаллимон», ки якшанбеи аввали моҳи октябр ҷашн гирифта мешавад, бахшида шудааст. Матни ин суруд аз хусуси ранҷу меҳнати  муаллим дар тарбияи шогирдон, таълими хуби устод, росткорӣ, устуворӣ, накӯкорӣ ва меҳрубонии муаллим, мақоми ӯ дар ҷомеа ҳикоят мекунад. Чунончӣ, шоир гуфтааст:-

Туро як умр хоҳам кард таъзим,
Ки бар ман додай аз сидқ таълим.

Оҳанги суруд халқӣ буда, бо навои замони ҳозира такмил дода шудааст. Мусиқӣ дар сози **ре минор,** ки ба овози хонандагон хеле мувофиқ аст, эҷод шудааст. Андозаи он бо зарби оҳангҳои халқи тоҷик-ҳафт-ҳаштякӣ навишта шудааст. Суръати суруд хушҳолона мебошад. Саршавии суруд пурқувват, яъне аз аломати дар аввал нишон додашуда-форте шурӯъ мешавад.

Саршавии мисраи аввали суруд аз квинтаи тоза оғоз меёбад. Навозиш ва саршавии суруд баъд аз паузаи чорякӣ оғоз ёфта, мисраи 1-ум ва 2-юм ду бор такрор меёбад. Дар вақти сароидани суруд ба ҳиҷоҳои калимаи охири мисраъҳо-усто**дам**, шо**дам**, таъ**зим**, таъл**им**, шӯҷ**оат**, фароғ**ат** диққати махсус диҳед.

Барои наздиктар шинос шудан ба оҳанги суруд, зарби аввалро қарсак зада, машқҳоро хонед!

Хушҳолона: ***Машқҳои овоз:***







Чунончӣ:



Мисраи дуюми нақарот низ ҳамин хел сурат мегирад:




Дар бандҳои I ва II юми мисраъҳои аввал тақтеи 3-ум ним тон ба секундаи хурд паст мефарояд.



Аввали ибора **ля-ре** ба квартаи тоза баланд мебарояд.

Андозаи мусиқӣ ҳафт-ҳаштякӣ буда, бо мадиди нотаҳои ҳаштякӣ як хел шумурда мешавад, ки ин зарбу усулро бо «чаппакзанӣ» ба хонандагон фаҳмондан лозим аст. Усули оҳанг имконият медиҳад, ки хонандагон бо чаппак задан задаи аслии сурудро фаҳмида гиранд.

Баъд аз аломати такрории сэно, (𝄋) ки дар охир ва аввали мусиқӣ ҷой гирифтааст, навозиши нақарот ва банди II-юми суруд, такрор меёбад.

Дар хотимаи суруд, маротибаи сеюм аз аввал навозиш, сонӣ дар нақарот, ки аломати хотима ёфтани сурудро мефаҳмонад (𝄐) ба охир мерасад. Дар ҳама ҳолат бояд гуфтаҳои дар боло зикршуда ба инобат гирифта шаванд.



# Сайфиддинов Шарофиддин Сангинович



Сайфиддинов Шарофиддин Сангинович Ходими хизматнишондодаи санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1974), композитори советии тоҷик 24 августи соли 1929 дар шаҳри Хуҷанд (вилояти Сугди ҳозира) таваллуд шудааст. Ӯ ҳамчун скрипканавоз аввал дар омӯзиш-гоҳи мусиқии шаҳри Ленинобод (ҳозира Хуҷанд) баъдтар дар шаҳри Душанбе таҳсил кардааст. Соли 1952 шӯъбаи миллии Консерваторияи шаҳри Москваро (дар синфи композитсияи В.Г. Фере), баъдтар факултаи назарияи композиториро хатм намуда, соли 1962 Консерваторияи Тошкантро (дар синфи композитсияи Б.И. Зейдман) хатм намуд.

Солҳои 1960-62 дар вазифаи директори Омӯзишгоҳи мусиқии (ҳоло Коллеҷи санъат) шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқулов кор кард. Соли 1962 Лауреати Мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ гардид.

Солҳои 1971-72 дар Институти давлатии санъати Тоҷикистон ҳамчун омӯзгори санъат фаъолияти кории худро давом дода, аз соли 1979 ҳамчун дотсенти кафедра шуда кор мекард. Соли 1970 достонҳои симфонии «Роҳи мақбара», «Эҳтиёт бошед, Сталинград», «Васфи Партия» ва суруди «Республикаи ман»-ро ба муносибати 40 солагии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҷод намудааст.

Ш.Сайфиддинов композиторест, ки бо фардияти хоси эҷодӣ ва асарҳои дорои мундариҷаи амиқ, пафоси рӯҳбаландкунанда ва ҳаётдӯстдоранда саршори ғояҳои ватандӯстӣ, маълуму машҳур гардидааст.

Ш.Сайфиддинов аввалин офарандаи опера аст, ки дар эҷодиёти ӯ операҳои қаҳрамонӣ – инқилобии «Пӯлод ва Гулрӯ» (1957), операи таърихӣ тарҷумаҳолии «Абӯабдулло Рудакӣ» (1976) ва «С.Айнӣ» (1978) ҷойи

махсусро ишғол менамоянд.

Ғайр аз ин достони симфонии «Қишлоқи тиллоӣ»-и Мирсаид Миршакар (1962) ва дар асоси мусиқии он филм-балети «Садои кӯҳсор» (1965), инчунин контата, романс, мусиқӣ барои спектаклҳои драммавӣ, кинофилмҳоро низ Ш. Сайфиддинов эҷод кардааст.

Эҷодиёти Ш.Сайфиддинов бо анъанаҳои миллии мусиқии халқи тоҷик зич алоқаманд аст.

Хизматҳои шоиста ва пурмаҳсули Ш.Сайфиддинов дар соҳаи санъати милии тоҷик бо орденҳои «Байрақи сурхи меҳнат», «Нишони фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шоён» тақдир карда шудааст. Соли 1985 ба ӯ унвони профессорӣ дода шудааст.

Асарҳои профессор ва композитори барҷастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Сайфиддинов хеле зиёданд. Контатаи «Гул кун Тоҷикистон» (1954), ки ба муносибати 40-солагии Тоҷикистон соли 1964 эҷод шудааст, достонҳо барои овоз ва оркестр, квартети торӣ, драмаи мусиқии «Зафар ва Зарина» (1963), романсҳо, сурудҳо, мусиқӣ барои кинофилми «Одам пӯсташро иваз мекунад», мусиқӣ барои кинофилми «Зумрад» тасдиқи ин гуфтаҳост.

Дар эҷодиёти Ш. Сайфиддинов сурудҳо барои кӯдакон низ мавқеи муҳим дорад. Китобҳои «Салом бачаҳо», «Сурудҳои Тоҷикистон» дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва богчаҳои бачагона бомуваффақият мавриди истифода қарор гирифтаанд. Яке аз сурудҳои умумимактабии ӯ, ки хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумии ҷумҳуриямон, аъзоҳои созмони талабагии «Ахтарон», «Ворисони Сомониён» ва «Сомониён» бо шавқу рағбати зиёд месароянд, ин суруди «Дунёи миллат» бо матни Н. Боҳирӣ мебошад.

Моҳи июни соли 2006 бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи композиторони Тоҷикистон шаби эҷодии композитори маъруфи тоҷик, Ҳунарманди Халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ Шарофиддин Сайфиддинов дар театри Опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид.

Дар саҳна асарҳои тозаэҷоди ӯро ҳофизони шинохтаи ҷумҳурӣ бо ҳамовозии оркестри симфонӣ иҷро карданд.

# Дунёи миллат

Суруди аъзоёни созмонҳои талабагӣ

Шеъри Н. Боҳирӣ

Мусиқии Ш. Сайфиддинов



1

Мо рӯҳи озод,
Мо дасти бозем. - 2
Бурҳони қотеъ,
Кашшофи розем. - 2
Умри ҳаётем,
Марги мамотем. - 2
Ҳомии бахтем,
Сайфи наҷотем. - 2

**Нақарот**

Расми ниёгон
Фарз аст бар мо.
Одобу дониш
Қарз аст бар мо.
Хоҳем олам,
Ором бошад.
Фарзанди одам
Хушком бошад.

2

Мо хуни гармем,
Мо қалби ҷӯшон. - 2
Мо даъвати нанг,
Мо амри виҷдон. - 2
Мо насли наврас,
Дунёи миллат. -2
Имрӯзи миллат,
Фардои миллат. - 2

**Нақарот**

Расми ниёгон
Фарз аст бар мо.
Одобу дониш
Қарз аст бар мо.
Хоҳем олам,
Ором бошад.
Фарзанди одам
Хушком бошад.

**«Дунёи миллат»** суруди умумимактабии узви созмонҳои талабагии «Ворисони Сомониён» мебошад, ки дар синфи 5-ум ба аъзогӣ қабул карда мешаванд. Донистани ин суруд барои аъзоёни созмон шарт ва зарур аст. Шоир дар ин суруд одобу ахлоқ, ватандӯстӣ, нангу номус, ҳаёту виҷдон, донишу маърифат ва оромии халқу ватанамонро тараннум кардааст. Оҳанги суруд ҳам ба як қатор мазмунҳои дар боло зикршуда мувофиқ омадааст.

Мусиқӣ дар сози **до минор** ва бо андозаи чор-чорякӣ навишта шудааст, ки барои овози хонандагон хело ҳам созгор мебошад. Дар ин суруд баъзе нозукиҳои мусиқӣ ҷой дода шудааст, ки барои хонандагони наврас каме мушкилӣ меорад.

Барои омӯхтани зарби мусиқӣ машқи зеринро бо нота хонед!




То ки калимаҳои «бозем», «розем», «ҳаётем», «мамотем», «бахтем», «начотем», «ниёгон», «олам», «нанг», вичдон ва «миллат» пурра шунида шаванд. Дар вақти сароидани бандҳои шеър ба бандакҳои охири мисраъҳо **ем, он, ад, ас, ат** аҳамияти махсус дода шавад.

Дар тақтеи якум мусиқӣ ба секундаи хурд паст мефароянд ва дар тақтеи дуюм ба терсияи хурд боло мебароянд. Дар бандҳои 3 ва 4-уми суруд, мисраъҳои 2-юм такрор меёбанд. Калимаи охир «бозем» ба дарозии чор нотаи ҳаштякӣ ва чор-чорякӣ кашиш меёбад. Ин лаҳзаҳо дар бандҳои I- II –III- IV мисраъҳои дуюм ва чорум низ такрор меёбанд.

Масалан:




Дар тақтеи 4 ва 5-уми суруд калимаи «бозем»-ро дар нотаи **ля** бо ҳисоби 1,2,3,4 пурра кашиш додан лозим аст. Бо назардошти он, ки зарби мусиқӣ дар ин ҳолат метавонад коста шавад, баъди кашидани дарозии нотаи пурра ба мисраи 3-юми суруд гузаштан лозим аст.

Ҳамин ҳолат дар мисраъҳои сеюм ва чоруми бандҳо вомехӯранд.

Чунончӣ:




Дар ин маврид ба чойи нотаи **ля**-и пурра нотаи **сол**-и пурра чой дода шудааст, ки ин маврид ҳам дар вақти хондани калимаи «розем» дар охир нотаи сол-ро бо ҳисоби 1,2,3,4 пурра кашиш додан лозим аст.

Дар мисраъҳои 2-юм ва 4-ум чаҳишҳои секстаи хурд вомехӯранд, ки ба ин чаҳишҳо диққат бояд дод. Чунончӣ, нигаред ба тақтеъҳои 2-юм ва 6-ум:




Дар тақтеъҳои 3 ва 7 дар нақарот ҷаҳишҳои квартаи тоза во- мехӯранд, бинобар ин барои тоза хондани суруд 4 тақтеъи нақаротро ҳар чӣ бештар машқ карда хондан лозим аст!




***Нақарот:***



Дар хотимаи суруд аломати такрории сэно ( 𝄋 ) гузошта шудааст, ки баъди он бандҳои III ва IV-уми суруд ва нақарот такрор меёбад. Хотимаи суруд бо аломати фонар ( 𝄐 ) анҷом меёбад.



### Синкопа чист?

**Синкопа** гуфта садои мусиқиеро меноманд, ки аз ҳиссаи безада оғоз ёфта, дар садои ояндаи заданок кашиш меёбад. Дар аксар мусиқиҳо оғозёбии синкопаҳо аз задаи синкопии худ ба задаи метрии муқобил ҳаракат мекунанд. Намудҳои асосии синкопа ба дарозии як бар як навишта шудаанд.

Масалан:



Ё ин ки:



Дарозии намудҳои дигари синкопа ду бар як аст.





Инчунин синкопаҳое низ вомехӯранд, ки ба дигар намудҳои қисматҳо ҷудо мешаванд. Масалан: се бар як, чор бар як, панҷ бар як, шаш бар як, ҳафт бар як, як бар се, як бар чор, як бар панҷ, як бар шаш, як бар ҳафт ва ғайра.

Синкопаҳое, ки як бар як қисмати баробар тақсим шуда дар ду тактеъ ҷойгиранд, ҳар ду нотаи баробарашон бо **лигато** пайванд мегарданд.

Ин гуна синкопаҳо даруни як тактеъ аксар вақт ба як нота ҳамроҳ мегарданд.

Мусиқии фораме, ки дар ҳиссаҳои заданок таваққуф гузошта шудааст, ба яке аз намудҳои синкопа дохил мешавад. Масалан:



Синкопаҳоеро, ки аз ҳиссаи зарбҳои заданок ба ҳиссаи безарб мегузаранд, ба он нотаҳои лигадоре, ки задаи мусиқиро халал намерасонад, омехта кардан дуруст нест!

Синкопаҳои дохили тақтеъ, байни тақтеъҳо ва бо таваққуфи заданок ҷойгиршуда низ вуҷуд доранд.

1 Синкопаҳои дохили тақтеъ:



2 Синкопаҳои байни тақтеъ:



3 Таваққуфи заданок:



Мусиқии додашударо нависед, матни онро хонед!

## «Арчаҷон»

Шеъри М. Ҳакимова — Мусиқии Ш. Сайфиддинов



# Ба ин саволҳо посух диҳед!

1. Синкопа чист?
2. Ҷойгиршавии синкопаҳоро номбар кунед.
3. Намудҳои синкопаҳо дар андозаҳои гуногун кадомҳоянд?
4. Таваққуфи заданок чиро мефаҳмонад?
5. Кадоме аз машқҳои додашударо аз худ кардаед?
6. Суруди «Арчаҷон»-и Ш.Сайфиддиновро зам-зама кунед!
7. Легато чист?
8. Аксент (зада) чист?
9. Тақтеъ чист?
10. Пештақтеъ чиро мефаҳмонад?



# Паёми мо

(хор)

Шеъри Гулназар

Мусиқии Ҷ. Обидпур



1

Насими дилкаши саҳар
Зи кӯҳу пуштаҳо гузар,
Ба ёру дӯстон бубар
Саломи оташини мо!
Нақарот:
Ситораи баланди мо,
Рафиқи шӯълаханди мо,
Ба олами писанди мо
(Расон). Расон паёми мо!

2

Шиори мо амонӣ аст,
Барори мо амонӣ аст,
Қарори мо амонӣ аст,
Ҷаҳони мо ту шод бош!
Нақарот:
Ситораи баланди мо,
Рафиқи шӯълаханди мо,
Ба олами писанди мо
(Расон). Расон паёми мо!

3

Само шавад пур аз сафо,
Замин шавад пур аз вафо,
Ризо шавад ҳаёти мо,
Зи меҳри беканори мо!
Нақарот:
Ситораи баланди мо,
Рафиқи шӯълаханди мо,
Ба олами писанди мо
(Расон). Расон паёми мо!

Суруди **«Паёми мо»,** чунон ки аз номаш пайдост, салому пайғоми сарояндаро ба воситаи насими субҳи сафо, ки аз кӯҳу пуштаҳо мегузарад, ба гӯшаҳои дурдасти кишварамон мерасонад. Инчунин шоир ба ситораҳои осмон муроҷиат карда, бо суханҳои «Ба олами писанди мо, расон, расон паёми мо!» мехоҳад саломи худро ба тамоми олам бирасонад.

Оҳанги суруд шӯх буда, бо андозаи шаш-ҳаштякӣ, дар сози **до мажор** навишта шудааст. Саршавии суруд аз навозиш оғоз ёфта, матни суруд бо пештактеъ (нотаи **до**) сар мешавад. Барои фаҳмидани зарби мусиқӣ ба усули барои дойра навишташуда аҳамият диҳед. Дар мисраи аввали шеър «Насими дилкаши саҳар» ҳиҷои аввал-«на» аз пештақтеъ сар мешавад. Дар вақти иҷрои ин суруд ба калимаҳои «саҳа**р**», «гуза**р**», «буба**р**»- (ар) ва калимаҳои банди дуюм «аст», «бош» диққат дода шавад, то ки ҳамсадоҳои охири калимаҳо пурра талаффуз карда шаванд.

Суруд аз се банд иборат аст. Баъд аз ҳар банд нақарот хонда мешавад. Нақарот бо ҳиссаи пештақтеъ оғоз меёбад.




Мусиқӣ ва матни суруд аз ҷаҳиши квинтаи тоза оғоз меёбад. Ин ҷаҳиш нотаҳои **до** ва **сол**-ро дар бар мегирад.

Дар тақтеи 13-14-уми мусиқӣ калимаи «дӯстон» дар се нотаи бо ҳам пайванд, яъне «лигато» гузошта шудааст, ки ҳиҷои «дӯс» каме дароз кашида мешавад.



Ҳамин ҳолат дар мисраи чоруми нақарот низ вомехӯрад, ки ба итмом расидани сурудро мефаҳмонад. Дар ибораи зер ҷонишини «мо» ду тактеъ кашиш ёфта, дар тактеи сеюм канда мешавад. Чунончи:




***Машқҳои овоз:***






# Кишварам

Шеъри М. Турсунзода

Мусиқии Ш. Шарипов




Ме - ва - и · ши - ри - - ни як, Бо - ғи са - мар -
о - ва - рем.
Хал - қи ҷа - ҳон ҳа - ма, Як ди - лу як
чон бу - вад. До - - хи - ли як хо - на - дон,
Мис - ли як ин - сон бу - вад.
Итмом:
такрор аз 𝄋 то итмом:

Накарот:

Халқи ҷаҳон ҳама
Як дилу як ҷон бувад.
Дохили як хонадон
Мисли як инсон бувад. } 2-бор

I

Мо писару духтари
Як падару модарем. } 2-бор
Меваи ширини як
Боғи самароварем. } 2-бор

Накарот:

Халқи ҷаҳон ҳама
Як дилу як ҷон бувад.
Дохили як хонадон
Мисли як инсон бувад. } 2-бор

II

Кишвари зебои мо
Хурраму озода бод. } 2-бор
Халқи тавонои мо
Зиндаю поянда бод. } 2-бор

Накарот:

Халқи ҷаҳон ҳама
Як дилу як ҷон бувад.
Дохили як хонадон
Мисли як инсон бувад. } 2-бор

Табиист, ки беҳтарин саҳифаҳои эҷодиёти шоир ба Ватан ва мардуми он бахшида шудааст. **«Кишварам»** яке аз шеърҳои ватандӯстонаи Мирзо Турсунзода буда, якдилӣ ва ҳамбастагиро тараннум мекунад. Инчунин шоир писарону духтарони як модар ва меваи як боғ будани ҷавононро дар шеъраш тасвир кардааст. Ин суруд барои хонандагони мактаб хело ҳам мувофиқ буда, дӯстиву рафоқати халқҳои ҷаҳонро васф мекунад. Мусиқӣ замонавӣ садо медиҳад.

Суруди «Кишварам» дар сози **ре минор** навишта шуда, бо суръати **шӯх** сароида мешавад. Зарбу усул ба андозаи шаш-ҳаштякӣ мувофиқ кунонида

шудааст. Суруд хело ҳам оддӣ ва пурмазмун аст. Матни суруд бо зарби дойра якҷояи хонда мешавад. Суруд аз квинтаи тоза оғоз меёбад. Барои бо зарбу усули суруд наздиктар шинос шудан ин машқҳоро бо чаппакзанӣ иҷро кунед!




Ба бандакҳои калимаҳои бу**вад**, хонад**он**, модар**ем**, овар**ем** махсус диққат диҳед, то ки шогирдон дар вақти сароидан ин калимаҳоро пурра ва бурро талаффуз намоянд.

Мусиқии ин суруд нозукиҳое дорад, ки барои бехато иҷро шудани суруд ба ҳамаи онҳо шинос шудан шарт ва зарур аст. Масалан, қариб дар ҳама тақтеъҳои нақарот садоҳо ба секундаи хурд поён мефароянд, ки дар ин маврид ҷумлаҳои суруд кашиш меёбанд.




Дар давоми ин суруд, яъне дар бандҳои I ва II-юм ин нозукиҳо во- намехӯранд. Вале дар охири тақтеи 2-юми бандҳои I ва II-юм паузаи ҳаштякӣ вомехӯрад, ки он дар ҷойи муайяни суруд канда шудани овозро ифода менамояд.



Баъди хотима ёфтани банди I-уми суруд оханг навохта мешавад. Баъди тактеи 20-ум аломати ба такрор ишоракунандаи сэно ( 𝄋 ) гузошта шудааст, ки банди II-юми суруд то хотима ( 𝄌 ) такрор шуда, суруд анчом меёбад.

Ҳангоми омӯзиши суруд ба ҳамаи нозукихо ва машкхои дар боло зикршуда диккати чиддӣ дода шавад.



# Доимо офтоб бошад

Шеъри Л. Ошанин

Мусиқии А. Островский



Солнечный круг, небо вокруг,
Это рисунок мальчишки.
Нарисовал он на листке,
И подписал в уголке!

Пусть всегда будет, солнце,
Пусть всегда будет, небо.
Пусть всегда будет, мама,
Пусть всегда буду, я!

Тоҷикӣ:
Доимо, офтоб бошад,
Доимо, осмон бошад.
Доимо, модар бошад,
Доимо, бошам ман!

Англисӣ:
May there, always Be-sunshine,
May there, always Be-blue skies.
May there, always Be-Mummie,
May there, always Be-me!

Матни шеърро шоири шинохтаи рус Лев Ошанин навиштааст. Дар ин асар шоир умеду орзуҳои наврасонро аз хусуси ҳама вакт шӯълапошӣ кардани хуршеди оламафрӯз, доимо ва софу беғубор будани осмон, ҳамеша якҷоя бо модар будан тараннум кардааст. Ин ниятҳои хешро писарбачае дар расми кашидааш тасвир кардааст, ки банди аввали он ба забони русӣ огоз меёбад. Ба хотири дӯстии халқҳо, боз ҳам зиёдтар ривоҷу равнақ ёфтани ҳамбастагӣ муаллифи китоб бандҳои алоҳидаи сурудро бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ низ овардааст, ки дар рӯзи ҷашни забонҳои русӣ ва англисӣ хонда мешавад. Мусиқии сурудро композитори шинохтаи наврасони Руссия А.Островский эҷод намудааст. Суръати мусиқӣ мӯътадил буда, дар андозаи чор-чорякӣ навишта шудааст.

Дар банди сеюми суруд, ки ба забони англисӣ омадааст, оғози ҳамаи чор мисраъ як хел хонда мешаванд. **«May there always»**, **«May there»** яъне (Мэй-зэ-а) бо се зарб ва охири мисраъ бо ду зарб хонда мешавад. Масалан:-




Ҳангоми талаффузи ҳар як калима мо бояд зарби мусиқиро дарк намоем. Дар охири мисраи якум калимаи **«Би-сан-шайн»**, **(офтоб)** ду тақсим шуда, дар як муддати кӯтоҳ якуним чоряк хонда мешавад. Яъне, ин калима дар ҳиссаи заданоки мусиқӣ бояд то ҳадди имкон тезтар талаффуз карда шавад. Дар мисраи дуюм ҳам ҳамин ҳолат ҷой дорад:




Дар мисраи сеюм чор ҳарфи аввали калимаи **бима-мӣ (модар)**, ки бо нотаи баланди **ре** омадааст, бояд ҳарчи тезтар талаффуз карда шавад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки аз зарби мусиқӣ берун наравем.




Дар мисраи чорум суруд хотима ёфта, ҷонишини **«ман» - (бимӣ)** дар нотаи **соли** сечоряка кашиш меёбад. Дар ин мисраъ зада ба ҳарфи **«й»** рост меояд.




**Машқҳои зеринро аз худ намоед!!**






# Дарс – консерт

**а) Саволу супоришҳо барои такрор дар нимсолаи I- ум.**

1. Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кай тасдиқ шудаанд?
2. Шеъри «Суруди миллӣ» -ро кӣ эҷод кардааст?
3. Мусиқии «Суруди миллӣ» -ро кӣ эҷод кардааст?
4. Шеъри «Тоҷат бар сар бод, эй Тоҷикистон» -ро кӣ эҷод кардааст?
5. Мусиқии «Тоҷат бар сар бод, эй Тоҷикистон» - ро кӣ эҷод кардааст?
6. Муаллифи шеъри «Ба муаллим» кист?
7. Мусиқии «Ба муаллим» - ро кӣ эҷод кардааст?
8. Шарофиддин Сайфиддинов кист?
9. Фаъолияти эҷодии ӯро нақл кунед.
10. Шеъри «Паёми мо» - ро кӣ эҷод намудааст?
11. Мусиқии «Паёми мо» - ро кӣ эҷод кардааст?
12. Шеъри «Кишварам» - ро кӣ эҷод кардааст?
13. Мусиқии «Кишварам» - ро кӣ эҷод кардааст?
14. Синкопа чист?
15. Тақтеъ чист?
16. Нотагоҳ чист?
17. Калиди скрипкавӣ чист?
18. Ҳафт нотаи асосиро номбар намоед.

**б) Барномаи консерти (10-15 дақиқа).**

1. «Суруди миллӣ» шеъри Г. Келдӣ, мусиқии С. Юдаков.
2. Суруд «Паёми мо» шеъри Гулназар, мусиқии Ҷ. Обидпур.
3. Суруд «Кишварам» шеъри М. Турсунзода, мусиқии Ш. Шарипов.

# Оби соф

Шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ

Мусиқии Хайрулло Абдуллоев



Нақарот:
Ранги тари арчаҳо
Оби соф!
Завқи дили бачаҳо
Оби соф!
Оби соф!

1

Обаки мо поку мусаффо бувад,
Рӯшан аз он дидаю дилҳо бувад.
Тоза бидорем, ки дар зиндагӣ,
Тозагари ҷону дили мо бувад.

Нақарот:
Ранги тари арчаҳо
Оби соф!
Завқи дили бачаҳо
Оби соф!
Оби соф!

2

Роҳати ҷон, роҳати ҷони ҳама,
Рӯҳу равон, рӯҳу равони ҳама.
Об набошад, чӣ тавонем кард?
Тобу тавон, тобу тавони ҳама!

Нақарот:
Ранги тари арчаҳо
Оби соф!
Завқи дили бачаҳо
Оби соф!
Оби соф!

3

Шӯълаи хуршеди ҳаёт аст об,
Чашмаи умеди ҳаёт аст об,
Он бувад зиндаю мо зиндаем,
Тантанаи иди ҳаёт аст об!

Нақарот:
Ранги тари арчаҳо
Оби соф!
Завқи дили бачаҳо
Оби соф!
Оби соф!

Зери шиори **«Тоҷикистон қатраи оби зулолат ҷавҳари ман, ҷони ман!»** аз таърихи 20 то 24-уми августи соли 2003-юм форуми бачагони Тоҷикистон бахшида ба **«Соли оби тоза»** шуда гузашт. Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони байналмилалии ЮНИСЕФ форум дар лагери истироҳатии «Шарора», дар мавзеи хушманзараи Варзоб ташкил дода шуд. Форум имконият дод, ки кӯдакон мустақилона андешаҳои худро иброз созанд ва пешниҳодоти худро дар ҳалли проблеммаҳои марбут ба обро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Мусиқии суруди «Оби соф» бо андозаи шаш-ҳаштякӣ ва дар сози **ми минор** навишта шудааст. Суръати суруд хушҳолона буда, аз «Нақарот» оғоз меёбад.

Тақтеъи аввали суруд аз квинтаи тоза сар шуда, дар мисраи дуюми нақарот, яъне тақтеъи чорум аз квартаи тоза оғоз меёбад. Дар охири мисраъҳои 1 ва 2-юми нақарот ҷумлаи «Оби соф» ҳарфи «о» - секундаи калон ба боло кашиш меёбад. Ба ҳамаи ин нозукиҳои суруд аҳамияти ҷиддӣ дода машқи зеринро хонед!

***Машқҳои овоз***







Дар охири тақтеъи 7-уми нақарот аломати ( 𝄐 ) фермата ва хотима гузошта шудааст, ки он ба кашиш ёфтани калимаи «соф» ва дар хотимаи суруд ба анҷом расидани онро таъкид менамояд.

Азбаски суруд дар сози **ми минор** навишта шудааст, каторовозаи **ми минори** аслиро бо номгӯйи нотаҳояш хонед!

Гаммаи ми минор **Машқи овоз**



*Сеовозагӣ*



Диапазони суруди «Оби соф» аз нотаи **ре** то **ре** октаваро дар бар мегирад. Дар мисраъҳои 3-юми бандҳои **I, II ва III** нотаи баланди ре-и октаваи дуюм омадааст, ки барои овозхонӣ машқҳои ҷиддиро талаб менамояд. Дар айни ҳол аз нотаи **си** ба **ре** ҷаҳиши терсияи хурд ба боло ва кашиши калимаи «бидорем» ба амал меояд. Чунончӣ:

***Хушҳолона*** ***Машқи овоз***




Чӣ тавре ки дар боло зикр кардем, дар нақарот кашишҳои садо ба амал меоянд.

***Хушҳолона*** ***Машқи овоз***




Инчунин овози II-юми нақаротро як қисми хонандагон дар нотаи **ми**, бо як садо иҷро менамоянд.

***Машқи овоз***

*Нақарот: овози ду-юм.*



Барои он ки бо задаҳои мусиқӣ аз наздик шинос шавед, ин машқҳоро такрор кунед.

***Машқҳои овоз***




ё бо номбаркунии нотаҳо:-




Суруд бояд озод, бехато ва ба ҳиссаҳои заданоки он диққат дода хонда шавад.



# Лашкари Ватан

Шеъри Ҳайдаршо

Мусиқии Ҷ. Обидпур






1

Аскари Ватан
Сулҳбони мост.
Лашкари Ватан
Посбони мост.
**2-бор**

Сарҳади диёр
Дар нигоҳи ӯст.
Халқи бахтиёр
Дар паноҳи ӯст.
**2-бор**

2

Аскари Ватан
Ҳаст чун сипар.
Марзу буми ман
Эмин аз хатар.
**2-бор**

Ҳифзи амният
Ин шиори ӯст.
Ҳифзи мамлакат
Ифтихори ӯст.
**2-бор**

Дар ин шеър шоир ба мавзӯи ватандӯстӣ, сулҳу амният, посбонии кишвар, осудаҳолии халқ, ҳифзи мамлакат ва ифтихори ҳар як ҷавони диёрамон эътибори хоссае додааст.

Мусиқии суруд бо суръати «ботантана» ва дар андозаи чор чорякӣ эҷод шудааст. Суруд дар сози **ре мажор** иҷро мешавад.

Дар вақти хондани матни шеър ҳарфҳои ҳамсадои охири калимаҳои Вата**н**, мос**т**, диё**р**, ӯс**т**, бахтиё**р**, сипа**р**, ма**н**, хата**р**, амния**т** ва мамлака**т** бояд шунаво ва фаҳмо талаффуз шаванд. Дар мисраъҳои 2-ум ва 4-ум калимаҳои «сулҳ» ва «пос-бон» бо ду нота пайваста суруда мешаванд.




Баъди ҳар банди суруд навозиш иҷро карда мешавад. Суруди мазкурро рост истода ба зарби қадамҳо ва равиши зарби пойҳо хондан бамаврид аст. Дар охири бандҳо аломати **«реприза»** гузошта шудааст. Нозукии суруд дар он аст, ки дар хотимаи ҳар банди суруд, яъне мисраъҳои 4-ум такрорёбии маротибаи 1-ум ва 2-юмро дорад, ки дар он мусиқӣ иваз мешавад. Масалан:




Дар бандҳои якум ва сеюм, ки саршавии суруд аст, се мисраи аввал ба секундаҳо аз боло ба поён хонда мешаванд. Мисраи чорум баръакс бо секундаҳо боло хонда мешаванд. Ин машқро, ки ба банди аввал тааллуқ дорад, хонед.

***Машқҳои овоз:***







Пеш аз оғози суруд зарби ин машқро бо чаппакзанӣ 4-5 маротиба такрор кунед. Сипас машқро канда-канда хонед, ба дарозии нотаҳо ва паузаҳои дар охири тақтеъ гузошташуда диққат дода 3-и 4-и гӯён ҳисоб кунед.

Ҳангоми сурудани тақтеъҳои банди аввал нотаи якуним-чорякӣ ва паузаи ҳаштякӣ ин тарз шумурда мешаванд.




Дар тақтеъҳои 1 ва 3-юми банди дуюми суруд ҷаҳишҳои квартаи тоза ва квинтаи тоза вомехӯранд, ки онро бояд тоза ва равон хонд.




Суруди «Лашкари Ватан» ботантана ва дар сози **ре мажор** суруда мешавад. Андозаи мусиқӣ чор чоряк аст, ки онро бо чаппакзанӣ дар ҳар як чоряк бояд алоҳида машқ кард. Нотаҳои **ре мажор**-ро номбар карда хонед.

***Гамма – ре мажор*** ***Машқҳои овоз***







Дар аломати (V) озод нафас гиред.

Баъди сурудани банди дуюми «реприза» ва аломати такрории сэно (𝄋) гузошта шудааст, ки он ба матни бандҳои III ва IV-ум гузаштанро мефаҳмонад. Суруд бо мисраъҳои 3-4 уми банди IV (ҳифзи мамлакат, ифтихори ӯст) анҷом меёбад.



# Саид Ҳамроев



Яке аз композиторони шинохтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Саид Ҳамроев соли 1935 дар деҳаи Ғиждувони вилояти Бухоро таваллуд шудааст. Ӯ аз ҷавонӣ ба мусиқӣ шавқу рағбати зиёд дошт. Сабаб он буд, ки ӯ дар клуби Комбинати шоҳибофии шаҳри Душанбе, дар оркестри нафасӣ иштирок мекард. Дар синни 16-солагӣ С.Ҳамроев ба омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе (Коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов) дохил мешавад. Ӯ шӯъбаи асбобҳои нафасиро дар сози мусиқии «кларнет» бо баҳои аъло хатм намуд. Сипас ба сафи афсарони Армияи Советӣ даъват мешавад. Дар хизмати ҳарбӣ ӯ ҳамчун ихтисосманди асбобҳои нафасӣ хизмати худро адо мекунад.

Аввалин асари С.Ҳамроев ин «Консерт барои кларнет бо ҳамовозии оркестр» мебошад. Ӯ бо композитор М.Цветаев ҳамкорӣ намуда, соли 1959 боз ба омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе-(Коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов) омада ба шӯъбаи композиторӣ дохил мешавад. Омӯзишгоҳро бомуваффақият хатм мекунад ва давоми 10 сол дар театри драмавии ба

номи А.Лоҳутии шаҳри Душанбе дар оркестр фаъолияти худро давом медиҳад.

Соли 1960 С.Ҳамроев як қатор асарҳо, поэмаҳо барои асбоби нафасии «Кларнет ва фортепианно», романси «Самум» бо матни Рӯдакӣ, мусиқӣ барои спектаклҳо эҷод менамояд. Дар давоми фаъолияти эҷодӣ дар театр ӯ бо ҳамаи нозукиҳои мусиқӣ ва драматургия шинос шуда, ба навиштани опера шурӯъ мекунад.

Операи «Шерак» аз муборизаи фарзандони ҷасуру баруманди халқи азияткашидаи тоҷик ба муқобили истилогарон нақл мекунад. Шерак ҳақиқатан марди ҷасур, далер ва поксиришт буда, рӯҳи поку нангу номуси халқи тоҷикро баланд бардошт. Шерак душманонро бо роҳҳои дуру пурпечутоб ва душворгузар ба қаторкӯҳҳои баланд бурда, аз манзилгоҳи халқи худ дур сохт. Дар натиҷа душманон фиреб хӯрдани худро пай бурда ӯро мекушанд. Душманони роҳгумкарда дар ҳамон кӯҳу пуштаҳои касногузар аз беобию гуруснагӣ ба ҳалокат мерасанд. Шераки қаҳрамон барои озодии халқу Ватани худ ҷон месупорад.

Саид Ҳамроев соли 1970 поэмаи созию овозии симфониро бо номи «Кӯли қувон» бар матни Лоиқ Шералӣ эҷод намудааст, ки ба хотираи неки фарзанди шарафманди халқи тоҷик Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ И.Ҳамзаалиев, ки дар муҳориба бар зидди истилогарони фашист барои озодии Ватани худ ҷон сипар кардааст, бахшида шудааст.

Саид Ҳамроев барои кинофилмҳои «Духтари сеюм», «Ҳангоми қарорёбии осёб», «Рафиқи ман Саид», «Шикори охирин» мусиқиҳо эҷод намудааст. Ғайр аз ин ӯ балети «Бежан ва Манижа», балети «Ҷавонӣ», «Консерт» барои оркестри асбобҳои халқӣ эҷод намудааст.

# Лола

Мусиқӣ: С. Ҳамроев




3
4
5
6
mf
tr
tr
7


9
f
tr
tr
10
mp


8
f


tr
11
12
mp
poco a poco morendo :

**«Лола»** яке аз навоҳои маъмули сози чанг бо ҳамовозии оркестри созҳои миллӣ мебошад, ки  дар сози **ля** минор тарҳрезӣ шудааст. Муқадиммаи песа бо 6 тактеъ дар андозаи шаш ҳаштякӣ ва суръати ниҳоят тез навохта мешавад. Аз тактеи 6-ум сар карда бо суръати тез давом меёбад. Муаллиф ин асарашро ба духтараш, ки Лола ном дорад, бахшидааст.

Оҳанги «Лола» - и Саид Ҳамроев аз қабили чунин оҳангҳои рӯҳафзою шифобахш аст.



# Модарам

Шеъри Н. Ниёзӣ

Мусиқии А. Тошматов






1

Хирмани зар модарам,
Шамсу қамар модарам,
Ҷуз Ватан асло набуд,
Шахси дигар модарам. } 2 бор

Нақарот:

Зинати ман модар аст,
Савлати ман модар аст,
Давлати ман модар аст,
Қимати ман модар аст. } 2 бор

2

Иди вай ояд агар,
Гул бикунад баҳрубар.
Аз нигоҳи поки ӯ
Дунё шавад тозатар. } 2 бор

Нақарот

Зинати ман модар аст,
Савлати ман модар аст,  } 2 бор
Давлати ман модар аст,
Қимати ман модар аст.

Дар ин суруд шоир дар бораи шахси барои ҳар як инсон азизу мӯътабар модар бо меҳру муҳаббати бепоён ибрози ақида мекунад. Ӯ модарро ба Ватан, хирмани зар, шамсу қамар, давлату савлат ташбеҳ медиҳад.

Мусиқии ин суруд хушҳолона буда, дар андозаи маъмули шаш ҳаштякӣ навишта шудааст. Оғози суруд ба квартаи тоза ҷаҳиш меёбад ва дар охири тақтеъи аввал ҷумлаи «зар» ба терсияи хурд поён кашиш меёбад. Дар тақтеи 4-уми ҳамин банди суруд боз ба квартаи тоза поён мефарояд.

Хушҳолона **Машқи овоз**




Дар мисраҳои 3 ва 4-уми банди якум тақтеи аввали мусиқӣ ба боло «секстаи хурд» ҷаҳиш меёбад. Давоми мисраъҳо бо секундаҳои хурду калон хотима меёбанд.

Хушҳолона




Дар нақарот охири тақтеъҳои 1, 3, 5 ва 7-ум ҷонишини «ман» ба секундаи хурд ва калон ба поён кашиш меёбад.

Хушҳолона **Машқи овоз**






Баъд аз нақарот ду тақтеъ навозиш рафта, аз аломати такрории сэно ( 𝄋 ) банди дуюми суруд оғоз меёбад. Хотимаи суруд бо 4 тақтеъи навозиш анҷом меёбад.

Пеш аз омӯхтани суруд машқҳои зеринро хонед:

***Машқҳои овоз***

***Хушҳолона***




Ё ин кӣ:-




Дар лаҳзаи сурудхонӣ ба аломати зерин (V), ки нафас гирифтанро ифода мекунад, аҳамият диҳед. Ба нишондодҳои дар машқҳо ишора кардашуда диққат дода, ҷаҳишҳои мусиқиро дуруст хонед.

Инчунин ба нозукиҳои мусиқӣ, ки бо секундаҳои хурду калон дар нақарот хонда мешаванд, мутаваҷеҳ шуда, ин машқҳоро таҳлил кунед:-

**Хушҳолона** ***Машқи овоз***




Бо сабаби он ки диапазони суруди мазкур аз нотаи **ре** то **си** ♭ (секстаи хурд) мебошад, машқи додашударо дар сози **ре минор** то нотаи **си** ♭ тоза ва пурқувват хонед.

## Машқи овоз

Хушҳолона




Суруди мазкур аслан дар ҷашни «Иди занон», ки ҳар сол ба 8-уми март рост меояд, барои табрик ва тавсифи модарон аз худ карда мешавад. Ин тӯҳфаи хубе барои модарон аз номи хонандагон ва наврасон хоҳад буд.



# Андозаҳо

**«Андоза»** гуфта тартиби такроршавии ҳиссаҳои баробар, мадиди заданок ва безадаро меноманд. Андозаҳо содда, мураккаб ва омехта мешаванд. Андозаҳо баъд аз калид бо ду рақам навишта мешаванд, ки он ҳисоби зарби дохили ҳар як тактеъ ё нақшаи дирижёриро мефаҳмонад.

**Андозаи содда** дар дохили тақтеъи худ як ҳиссаи заданок дорад. Ба ин гурӯҳ андозаҳои дуҳиссагӣ - $\frac{2}{2}$; $\frac{2}{4}$; $\frac{2}{8}$; $\frac{2}{16}$ ва сеҳиссагӣ $\frac{3}{2}$; $\frac{3}{4}$; $\frac{3}{8}$; $\frac{3}{16}$ дохил мешаванд.

Рақами болоӣ микдори ҳиссаро дар як тақтеъ нишон дода, рақами поёнӣ аҳамияти зарбии ҳиссаро дар як тақтеъ ифода мекунад.

**Андозаи мураккаб** дар дохили тақтеъ ду ё се ҳиссаи заданок дорад. Ин гуна андозаҳо чунинанд: - $\frac{4}{2}$; $\frac{4}{4}$; $\frac{4}{8}$; $\frac{6}{8}$; $\frac{6}{4}$; $\frac{9}{8}$; $\frac{9}{4}$; $\frac{12}{8}$; $\frac{12}{4}$;

**Андозаи омехта** аз ду ё зиёда гурӯҳи ҳархела иборат аст. Ин гуна андозаҳо чунинанд: - $\frac{5}{8}$; $\frac{5}{4}$; $\frac{7}{8}$; $\frac{7}{4}$;

**Мисолҳо оид ба андозаҳо:**

Андозаҳои содда як ҳиссаи заданок дошта, чунин навишта мешаванд.



Андозаҳои соддаи се ҳиссадор чунинанд:



Андозаҳои мураккаби ду ҳиссаи заданок дошта:



**Андозаҳои омехта**



## Саволҳо барои такрор:

1. Андоза чист?
2. Андозаҳои содда кадомҳоянд?
3. Андозаҳои мураккаб кадомҳоянд?
4. Андозаҳои омехта кадомҳоянд?
5. Оид ба андозаҳо мисолҳо оваред!
6. Аломатҳои алтератсиявӣ чист?
7. Таваққуф (пауза) чист?
8. Зарб чист?

## Расми навозандаҳои асбобҳои зарбӣ



# Суманак

Шеър ва оҳанги халқ

Такмили Ш. Шарипов



Накарот:

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

1

Суманак бӯйи баҳорай,
Суманак роҳати ҷонай,
Барори кори деҳқонай,
Иди Наврӯзӣ муборак,
Иди Фирӯзӣ муборак.

Накарот:

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

2

Суманак аҷаб ширинай,
Дарунаш каме хамирай,
Суманак зеби диёрай,
Иди Наврӯзӣ муборак,
Иди фирӯзӣ муборак.

Накарот:

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

3

Суманак авҷи баҳорай,
Суманак арӯси солай,
Суманак зеби баҳорай,
Иди Наврӯзӣ муборак,
Иди фирӯзӣ муборак.

Накарот:

Суманак дар ҷӯш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Суруди халқии «Суманак» дар васфи таоми миллии мардуми тоҷик мебошад. Таоми идонаи «Суманак» дар байни мардуми тоҷик аз давраи қадим анъана шудааст. Ҳар як оила ду-се ҳафта пеш аз ҷашни иди Наврӯз гандумро шуста ба табақҳо мегиранд ва дар назди тирезаҳо гузошта онро ҳар рӯз бо об нам мекунанд. Баъди то 5-7 см неш баровардани гандум онро кӯфта, фишурда обашро полида мегиранд. Ба дег каме равган рехта, ба оби софи фишурдаи гандум каме орди гандум омехта карда, дар дег андохта мепазанд. Дар давоми пухтани аталаи суманак, онро беист бо кафгири дароздаста омехта карда суруди «Суманак»-ро зам-зама мекунанд. Болои сабзаҳо гилему кӯрпача густурда менишинанд. Пеш аз ҳама мӯйсафедони деҳа ҳамчун шахсони мӯътабар аз зиёфатҳои рӯйи дастархон даҳон ширин карда, даст ба дуо мебаранд. То тайёр шудани зиёфатҳо навозандагон ва овозхонҳо сурудҳои наврӯзӣ, баҳор ва ишқиро замзама мекунанд.

Мусиқии суруди «Суманак» халқӣ буда, аз ҷониби оҳангсоз Ш.Шарипов такмил дода шудааст. Мусиқӣ ба андозаи маъмули тоҷикӣ-шаш-ҳаштякӣ ва дар сози ба хонандагон мувофиқ **ре мажор** иншо шудааст.

Суруд хушҳолона сароида мешавад. Пеш аз сароидан ба қатороваза ва сеовозаи **ре мажор** шинос шуда, бо талаффузи номгӯйи нотаҳо онро замзама кунед!

Гаммаи ре мажор



Сеовозагии гаммаи **ре** мажор



Машқи зеринро, ки барои аз худ намудани андозаи суруди додашуда равона шудааст, хонед.

***Машқи овоз:***




Оғози суруд бо пауза (таваққуф) сар шуда, ду тактеъ бо нотаи **фа бекар** давом меёбад. Сурудҳои халқӣ аслан дар мавҷҳои секундаҳои хурд ва калон

хонда мешаванд. Суруди «Суманак» низ ҳамин гуна равиш дошта, дар калимаи «муборак» бо болоравии садо ба терсияи хурд хотима меёбад. Чунончӣ:




Дар вақти иҷрои суруд аксар сароянд агон ҳарфҳои охири мисраъҳоро бурро намехонанд. Аз ин рӯ мебояд диққати шогидонро ба ҳамин ҷиҳати суруд ҷалб кард. Масалан: - занем, муборак ва ҳарфи **«ӣ»** дар анҷоми ҳар мисраъ.

Баъд аз анҷоми нақарот ва банди якуми суруд мусиқӣ хотима ёфта, давоми суруд, яъне бандҳои дуюм ва сеюм бо нақаротҳояш аз аломати сэно давом ёфта, баъди банди сеюм, аз оғозёбии суруд (аломати сэно) нақаротро хонда, дар аломати ( 𝄌 ) (фанар) хотима меёбад.



**Сурудро азёд кунед.**

## Суруди мактаббачагон

(Гимн)

Шеъри Салими Хатлонӣ

Мусиқии Ҷ. Обидпур




(мо шод - мо - нем).
(мо шод - мо - нем).
(мо шод - мо - нем).
Нақарот:
Аз ин са - о - дат,
Азбахт но - зем.
Аз ин са - о - дат,
Бо киш - ва - ри худ, Мо сар - фа - ро - зем.
Аз бахт но - зем.
Аз ин са - о - дат, Аз бахт но - зем.
(Мо-сар - фа-ро - зем). А...
Бо киш - ва - ри худ, Мо сар - фа - ро - зем.
(Мо сар - фа - ро - зем.)




*Хотима:*




**1**

Аз Ориёнем, аз бостонем,
Ҳам бахтиёрем, ҳам комронем (ҳам комронем).
Бо халқи олам ҳамдостонем,
Мо дар амонем, мо шодмонем (мо шодмонем).
} 2 бор

Нақарот: Аз ин саодат,
Аз бахт нозем.
Бо кишвари худ,
Мо сарфарозем.
} 2 бор

**2**

Бошад муаллим дар кор раҳбар,
Аз боби хониш дилҳо мунаввар (дилҳо мунаввар).
Моро зи мактаб ин аст матлаб,
Панди бузургон ҳар лаҳза бар лаб (ҳар лаҳза бар лаб).
} 2 бор

Нақарот: Аз ин саодат,
Аз бахт нозем.
Бо кишвари худ,
Мо сарфарозем.
} 2 бор

**3**

Мо ин Ватанро обод созем,
Бо номи покаш мо сарфарозем (мо сарфарозем).
Бо илму дониш, бо зӯри дастон,
Ҳар зарра хокаш гардад гулистон (гардад гулистон)
} 2 бор

Нақарот: Аз ин саодат,
Аз бахт нозем.
Бо кишвари худ
Мо сарфарозем.
} 2 бор



Суруди мазкур аз зумраи асарҳоест, ки барои хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ равона шудааст.

Матни суруд шодмониву саодатмандӣ, сарфарозӣ аз кишвари азизамон, гамхории муаллим, омӯзиши панди бузургону илму дониш, ободии Ватан ва муқаддас доштани номи онро тараннум мекунад.

Дар вақти иҷрои суруд пеш аз ҳама талабаҷон бояд ба ҳамсадоҳо ва калимаҳои охири ҳар мисраъ ва талаффузи онҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Ба монанди «бостонем», «комроне**м**», «ҳамдостоне**м**», «шодмоне**м**», «нозе**м**», «сарфарозе**м**», «роҳба**р**», «матла**б**», «мунавва**р**» ва «бар ла**б**». Суруд аз омӯзиши мусиқӣ дар сози **до минор** бо ним тон пайвастшавии зинаи дуюм сохта шудааст, ки онро лаҳни фригий низ меноманд.

Сурудро **яккахон** бо ҳамовозии **хор** иҷро менамояд. Суруд дуовоза буда, яккахон бо хор ҳамовоз мешавад. Суруд бо ду овоз дар фосилаи квартаи тоза (**до-сол**) сароида мешавад. Суруд аз се банд ва нақарот иборат аст.

Дар ҳамаи бандҳои суруд, мисраъҳои 1-ум ва 2-юм ду бор такрор мешаванд, ҳамчунин мисраъҳои 3-юм ва 4-ум ҳам ду бор такрор меёбанд.

Дар оғозёбии нақарот яккахон бо хор дар ҳар тактеъ бо навбат месароянд.

Дар тактеъи 5-6 уми накарот гурӯҳи умумӣ ду тактеъ хомӯш истода, дар тактеи 7-ум боз бо яккахон ҳамроҳӣ мекунанд, яъне хор бо ду овоз дар фосилаи секстаи камшуда месарояд.

**Чунончӣ:**




Дар давоми оҳанги мусиқӣ накарот бори дуюм такрор меёбад. Дар маротибаи дуюм яккахон пурра (бе навбат) ҳамаи мисраъҳои накаротро месарояд. Гурӯҳи умумӣ, яъне «хор» бо кашиш додани садои **«А»** дар фосилаҳои терцияи хурд, квартаи тоза садо дода, ба як нукта, яъне нотаи сол - ҷамъ мешаванд. Дар давоми оҳанги суруд боз мисраъҳои 3 ва 4-уми накарот такрор меёбад, ин дафъа бо кашиши садои **«А»**-и **яккахон** ва овоздиҳии **«хор»**. Баъд аз ин аломати такрории сэно ( 𝄋 ) гузошта шудааст, ки суруд аз нав бо бандҳои 2-юм сипас 3-юм такрор ёфта, ба хотимаи суруд мегузарад. Ба ҳамаи ин нозукиҳои дар боло зикршуда диққати ҷиддӣ диҳед.



# Сулҳ мебояд ба дунё

Шеъри Ҳадиса Қурбонова

Мусиқии К. Ҳалимов




ҳи са - фед - аст. Нур бар дил нур бар сар,
ру - и дун - ё - ро на - вид аст.
Накарот:
Сулҳ ме - бо - яд ба дун - ё, дар ҳа - ма са - ё - ра - ҳо.
1.
2.
ё - ра - ҳо.
III Сулҳ бо - шад ин за - мин ҳам,
хан - да до - рад бо са - хо,
Нур ме - ре - зад зи гар - дун, ну - ри суб - ҳи бо - са - фо.
Накарот:
Сулҳ ме - бо - яд ба дун - ё, дар ҳа - ма са -
ё - ра - ҳо. ё - ра - ҳо.
mf
f

**1**

Сулҳ мебояд ба дунё мардумони баҳру бар,
Мебарад онро чу машъал доимо болои сар.

Сулҳ мебояд ба дунё дар ҳама саёраҳо. – 2 бор.

**2**

Сулҳ ин бахту умед аст, хандаи субҳи сафед аст.
Нур бар дил нур бар сар, рӯйи дунёро навид аст.

Сулҳ мебояд ба дунё дар ҳама саёраҳо. – 2 бор.

**3**

Сулҳ бошад, ин замин ҳам ханда дорад бо сахо,
Нур мерезад зи гардун нури субҳи босафо.

Сулҳ мебояд ба дунё дар ҳама саёраҳо. – 2 бор.

Суруди мазкур сулҳу ваҳдат, бародарии халқҳои тамоми дунё, субҳи сафед ва хушнудии ҷаҳонро тараннум мекунад.

Суръати мусиқӣ ботантана дар сози си♭ мажор тарҳрезӣ шудааст. Суруд аз нотаи ре терсияи си♭ мажор оғоз ёфта, дар нотаи ре хотима меёбад. Аввали мисраи якум калимаи «сулҳ» ба секундаи калон кашиш меёбад.

Дар охири мисраи 2-юми суруд ҷаҳиши квинтаи тоза аз нотаи сол ба ре вомехӯрад, ки дар ин ҳолат нақарот оғоз меёбад. Барои устувор шудани овоз дар сози суруд машқҳои зеринро хонед:-

***Машқҳои овоз***



Дар вақти хондани ҳар мисраи шеър ба талаффузи ҳарфҳои охири мисраъҳо бар, сар, аст аҳамият диҳед, ки бенуқс хонда шаванд. Дар вақти лозимӣ нафас гирифтанро низ фаромӯш накунед. Ба машқи дар боло овардашуда нигаред. Нафасгирӣ бо аломати зерин (V) ифода ёфтааст.

Калимаҳои «бахту», «сафед», «нур» ба секундаҳои хурд ва такрори калимаи «нур» ба терсияи хурд гузашта, кашиш меёбанд. Чунончӣ:

***Ботантана*** ***Машқи овоз***




Анҷоми суруд бо ду бор такрор шудани нақарот ва навозиши хотимавӣ ҷамъбаст мегардад.

Машқҳои зеринро такрор намоед.

***Машқҳои овоз***

***Бо тантана***




Машқи охир ба тақтеъи 23-уми суруд тааллуқ дорад. Ба ин тақтеъ диққати махсус додан лозим аст.

# Дарс – консерт

**а) Саволҳо барои такрор дар нимсолаи II- юм.**

1. Шеъри «Оби соф» - ро кӣ эҷод кардааст?
2. Шеърро таҳлил намоед.
3. Мусиқии «Оби соф» -ро кӣ эҷод кардааст?
4. Шеъри «Лашкари Ватан» - ро кӣ эҷод кардаст ?
5. Шеърро таҳлил намоед.
6. Мусиқии «Лашкари Ватан» - ро кӣ эҷод кардааст?
7. Шеъри «Модарам» - ро кӣ эҷод кардааст?
8. Шеърро таҳлил намоед.
9. Мусиқии «Модарам» - ро кӣ эҷод кардааст?
10. Шеъри «Суруди мактаббачагон» - ро кӣ эҷод кардааст?
11. Шеърро таҳлил намоед.
12. Мусиқии «Суруди мактаббачагон» - ро кӣ эҷод кардааст?
13. Шеъри «Сулҳ мебояд ба дунё» - ро кӣ эҷод кардааст?
14. Шеърро таҳлил намоед.
15. Мусиқии «Сулҳ мебояд ба дунё» - ро кӣ эҷод намудааст?
16. Андозаҳо чӣ гунаанд?
17. Хатчаҳои иловагӣ дар куҷо ҷойгиранд?
18. Қаторовозаи до мажорро аз нотаи ре - и октаваи 1-ум хонед.
19. Кадом аз сурудҳои иловагиро аз худ кардаед?
20. Нотаҳои пурра ва нимпурра чӣ гунаанд?
21. Нотаҳои чорякӣ ва ҳаштякӣ чӣ гунаанд?

**б) Барномаи консертӣ (15-20 дақиқа).**

1. Суруди «Оби соф» шеъри Ҷ. Ҳошимӣ, мусиқии Х. Абдуллоев.
2. Суруди «Мактаббачагон» шеъри С. Хатлонӣ, мусиқии Ҷ. Обидпур.
3. Суруди «Модарам» шеъри Н. Ниёзӣ, мусиқии А. Тошматов.

# Суруди наврӯзӣ

Шеъри А. Бобоҷон

Мусиқии Ҷ. Обидпур






1

Файзу зиёи Наврӯз,
Тобу чилои Наврӯз,
Ҳусни латиф дорад
Дар рӯзҳои Наврӯз.

Гулғунчаҳои шодоб
Бедор гашта аз хоб,
Бошад ба чону тан тоб
Обу ҳавои Наврӯз.

**2**
Аз боғу роғи гулпӯш,
Аз шарқи ғармоғӯш.
Ояд баланд бар гӯш
Созу навои Наврӯз.
(Дар рӯзҳои Наврӯз).

Аз боди анбарафшон
Дар ханда боғу бӯстон,
Шуд нағмаҳои мурғон
Шодиафзони Наврӯз.

**3**
Наврӯз оламорост,
Иди хуҷистаи мост,
Озодтабъу барност
Субҳи сафои Наврӯз.

Аз боғу роғи гулпӯш,
Аз шарқи гармоғӯш.
Ояд баланд бар ғӯш
Созу навои Наврӯз,
(Дар рӯзҳои Наврӯз).

**Наврӯз** яке аз кӯҳантарин ҷашнҳои миллии мост, ки аз қарнҳои хеле дур ибтидо ёфта, то ба имрӯз пойдор мондааст. Наврӯз аз бузургтарину гиромитарин ҷашнҳои мардуми Эронитабор аст.

Наврӯз достони зебоист, ҷашни ҷаҳону ҷавонию шодмонист, ҷашни замину офтоб аст, нишона ва хотираи бузург аст. Агар як лаҳза ниғоҳе ба таърих кунем, мебинем, ки ҳатто дар замони истилои араб сарбозони Ибни Қутайба канори Ҷайҳун хайма зада, марзи Хуросонро паёпай хунолуд мекарданд, вале мардум наврӯзро ҷашн мегирифтанд. Нахустин рӯзи баҳор рӯзи офариниш аст, яъне он рӯзе, ки ҷаҳонофарин ҷаҳонро ибтидо кардааст, он рӯз Наврӯз буд. Баҳор нахустин фасл, фарвардин нахустин моҳ, дар ин рӯзҳо нахустин ғулҳо ва сабзаҳо мерӯянд, чашмаҳо медаманд, рӯдборҳо меҷӯшанд, паррандаҳо дар осмони соф меболанд. Боронҳои раҳмат мерезанд. Нахустин хуршеди ҷаҳонтоб дар ҳамин рӯз тулӯъ намудааст.

**«Суруди Наврӯзӣ»**, ки ҳоло шумо дар даст доред файзу зиё, тобу ҷило ва ҳусни латифи Наврӯзро тараннум мекунад. Инчунин аз боғу роғи гулпӯш, шуои хуршеди анбарафшон, созу навои наврӯзӣ, субҳи сафои

Наврӯз ҳикоят мекунад.

Созу навои ин суруд дар андозаи шаш ҳаштякӣ ва сози **ре минор** иншо шудааст, ки онро лаҳни фриғий низ номидан саҳеҳ аст. Суруд «шӯх» буда, аз навозиш оғоз меёбад. Матни суруд аз квартаи тоза оғоз ёфта, дар охири мисраи дуюм ба секундаи хурд дар зинаи дуюми мусиқӣ паст мефароянд. Мисраъҳои сеюм ва чорум ду бор такрор меёбанд. Дар оғози мисраи чоруми суруд ҳам ба квартаи тоза ҷаҳиш меёбад. Ба ин ҷаҳишҳо ва секундаи хурди зинаи дуюм аҳамият диҳед!







Машқҳои додашударо хонед.

***Машқи овоз***




Дар мисраи 6-уми суруд «Бедор ғашта аз хоб» зинаи 6-ум нотаи си, бекор шуда, дар тақтеъи баъдина ба таври аслӣ бармегардад ва дар оғози мисраи 8-ум ба квартаи тоза ба боло ҷаҳиш меёбад.




Дар оғози мисраъҳои дуюм ва чорум банди 3-юм «Аз шарқи ғарм оғӯш» ва «Созу навои Наврӯз» квартаи тоза ба боло ҷаҳиш меёбад.

Дар вақти хондани суруд ба ҳарфҳои охири мисраъҳои шеър «Наврӯз», «дорад», «шодоб», «хоб», «тоб», «анбарафшон», «бӯстон», «мурғон», «оламорост», «мост» ва «барност» бештар аҳамият дода, онҳоро бурро талаффуз кунед.



Баъд аз хотима ёфтани бандҳои 1, 2-юми суруд то аломатҳои такрорӣ (реприза) ва сэно, аз тақтеъи 9-уми оғози суруд, яъне аз аломати сэно бандҳои 4, 5-уми суруд хонда мешаванд. Дар хотима банди 3-юм ду бор такрор шуда, бо мисраи «Дар рӯзҳои Наврӯз» суруд хотима меёбад. Дар вақти омӯхтани суруд ба нозукиҳои дар боло зикршуда диққати ҷиддӣ диҳед. Машқҳои додашударо хубтар аз бар намоед.



# Майдони Ватан

Шеъри Т. Истаравшанӣ

Мусиқии К. Ҳалимов




ме - ҳа - ни хур - шед, Дар пай - ка - ри Со -
мо - ни - и он рӯ - ҳи за - мон аст.
Бӯ - и гӯ - лу сав -
сан ба на - фас ме - за - над аз он, Дар
нак - ха - таш ан - де - ша - и пи - ри Ҳа - ма - дон
аст. Дар аст.
Май - до - ни Ва - тан ар - са - и ваҳ -

Майдони Ватан арсаи ваҳдат-талабон аст;
Ороста, пироста аз ранги ҷаҳон аст. – 2 бор
Дар домани он як чамани меҳани хуршед,
Дар пайкари Сомонӣ он рӯҳи замон аст.
Бӯи ғулу савсан ба нафас мезанад аз он,
Дар накҳаташ андешаи пири Ҳамадон аст. – 2 бор
Майдони ватан арсаи ваҳдатталабон аст.
Майдони Ватан, майдони Ватан.

Матни суруд майдонеро дар шаҳри Душанбе, ки ҳайкали Сомонӣ ороста шудааст, тавсиф менамояд. Мусиқии суруд дар сози **ре-мажор** ва андозаи шаш-ҳаштякӣ иншо шудааст. Саршавии мусиқӣ бо навозиш аз нотаи **ля-ре**–пештақтеи квартаи тоза оғоз меёбад. Дар тақтеи ҳаштуми матни суруд «Майдони Ватан» хонда мешавад, ки он ҳам аз квартаи тозаи **ре-сол** иборат аст.

Маротибаи сеюм суханҳои «Майдони Ватан» бо квартаи тоза **ля** -и октаваи хурд ва **ре** оғоз меёбад, ки начандон бо овози хонандагон мувофиқ аст, чунки на ҳамаи хонандагон нотаи пасти «**ля**»-и октаваи хурдро хонда метавонанд.

Оғози мисраи дуюми шеър (ороста) бо пештақтеъ ва секундаи калон мутобиқ карда шуда, ду бор такрор мешавад. Барои омода сохтани хонандагон ба суруди додашуда машқи зеринро бо якҷоягии аҳли синф хонед!

*Хӯшҳолона* **_Машқи овоз_**




Дар оғози мисраъҳо калимаҳои «майдон», «ватан», «талабон», «пироста», «ранги», «ҷаҳон», «ороста» бо ду нотаи секундаи калон пайваст суруда мешаванд.




Дар мавзеи қайд карда шуда калимаи «Ватан» 3 чоряк кашиш меёбад, ки ба ин нозукиҳои суруд пеш аз ҳама диққат бояд дод. Ба он ҳиҷоҳое, ки дар чоркунҷа гирифта шудаанд, бештар аҳамият диҳед, то ки дар вақти сароидан ба кашиши секундаҳо дар ҳамин суханҳо диққат дода шавад. Дар ин суруд секундаҳои хурд, ки аз ним тон иборатанд, во-мехӯранд. Дар мисраи сеюми суруд ба ибораи «Дар домани он» бингаред.
Масалан: тақтеъи 22-юм ва 41-уми суруд.




Дар тақтеъи 29 -уми суруд мисраи чоруми «он рӯҳи замон» ба андозаи секундаи хурд ба поён мефарояд:




Ба ин нозукиҳои суруд махсус аҳамият диҳед. Баъд аз ин мисраи чорум, мусиқии мисраи аввали «Майдони Ватан» такрор меёбад, ки дар аввал машқи онро зикр намудем. Дар охири мисраи якуми банди II «Бӯи гулу савсан ба нафас мезанад аз он» пешоянди «аз» бо ду нотаи секундаи калон пайваст суруда мешавад.




Дар тақтеъҳои 17, 21, 22, 26, 36, 40 –ум дар паузаҳои дуҳаштякӣ ва дар тақтеъҳои 18, 19 –ум ва хотима паузаи чорякӣ дар байни тақтеъҳо вомехӯранд, ки ин ҳам яке аз нозукиҳои суруд мебошад ва он хомӯшӣ лаҳзае ҳам бошад, бояд риоя кард.

Дар тақтеи 29-уми суруд зинаи ҳафтуми ре-мажор ним тон паст мешавад. Мисраи 6-уми суруд ду бор пайиҳам такрор мешавад. Дар охири мусиқӣ суруд бо мисраи 8-уми банди II «Майдони Ватан» хотима меёбад.

Машқи зеринро хонед.

*Ботантана* *Машқҳои овоз*




Ба баланд ва пастшавии мусиқӣ, легато ва дарозии нотаҳо диққат диҳед. Дар аломати (V) нафасгириро фаромӯш накунед. Инчунин дар вақти хондани суруди «Майдони Ватан» ҳам ба ин аломат аҳамият дода, дар вақти лозимӣ нафас гирифтанро фаромӯш накунед.



# Мундарича


| | Саҳифа |
|---|---|
| Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3 |
| Аз муаллиф | 5 |
| **Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** *Шеъри Г. Келдӣ. мусиқии С.Юдаков* | 7 |
| Қоидаҳои сурудхонӣ | 9 |
| **Тоҷат бар сар бод, эй Тоҷикистон.** *Мусиқии С. Билолов, шеъри Н. Қосим* | 10 |
| **Ба муаллим.** *Шеъри Н. Тиллоев, оҳанги халқ, такмили Ш. Шарипов* | 15 |
| **Ш. Сайфиддинов** | 19 |
| **Мусиқӣ мешунавем:** *Ш. Сайфиддинов «Дунёи миллат»* | 21 |
| **Назарияи мусиқӣ!** – Синкопа чист? | 25 |
| **Паёми мо.** *Мусиқии Ҷ. Обидпур. Шеъри Гулназар* | 28 |
| **Кишварам.** *Мусиқии Шарипов Ш., шеъри М. Турсунзода* | 32 |
| **Мусиқӣ мешунавем:** Доимо офтоб бошад. *Мусиқии А. Островский, шеъри Л.Ошанин. Тарҷумаи Ш. Шарипов* | 37 |
| Савол ва супоришҳо барои такрори нимсолаи 1-ум: **Дарс - консерт.** | 40 |
| **Оби соф.** *Мусиқии Х. Абдуллоев, шеъри Ҷ. Ҳошимӣ* | 41 |
| **Лашкари Ватан.** *Мусиқии Ҷ. Обидпур, шеъри М.Ҳайдаршо* | 46 |
| **С. Ҳамроев.** | 51 |
| **Мусиқӣ мешунавем:** – *С. Ҳамроев «Лола»* | 53 |
| **Модарам.** *Мусиқии А. Тошматов, шеъри Н. Ниёзӣ* | 58 |
| **Назарияи мусиқӣ:** – Андозаҳо | 63 |
| **Мусиқӣ мешунавем:** *Суманак, суруди халқӣ, такмили Ш. Шарипов* | 65 |
| **Суруди мактаббачагон.** *Мусиқии Ҷ. Обидпур, шеъри С. Хатлонӣ* | 69 |
| **Сулҳ мебояд ба дунё.** *Мусиқии Ҳ. Ҳалимов, шеъри Ҳ. Қурбонова* | 74 |
| Саволҳо барои такрор дар нимсолаи II-юм **Дарс - консерт.** | 78 |


**Замима**


| | |
|---|---|
| **Суруди Наврузӣ.** *Мусиқии Ҷ. Обидпур, шеъри А. Бобоҷон* | 79 |
| **Майдони Ватан.** *Мусиқии К. Ҳалимов, шеъри Т. Истаравшанӣ* | 84 |

Ш.ШАРИПОВ

# Суруд ва мусиқӣ

## 5

Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 5

Муҳаррири мусиқӣ: профессор **Ҷ.Обидпур**

Муҳаррирон: дотсент **А.С.Аминов, С.Сафаров**

Муқарризон: дотсентон - **С.М.Халилов, Қучқоров** ва мудири шӯъбаи маорифи ш.Сарбанд **Х.Т. Султонов**

Ҳуруфчини нота: **А.Курбонов**
Таррохи компутерӣ: **Р.А.Камалов**

Ба нашриёт 20.12.07 супорида шуд. Ба чопаш 05.02.08 имзо шуд. Формат 84x108 1/16.
Коғази офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 5,625. Адади нашр 125 000 нусха.
Фармоиши №228.
**ЧСШК «Матбуот»-и**
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.